# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-O13-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Солиев Ҳомидҷон Абдуманнонович дар мавзуи «Нақши саноатикунонии босуръат дар таъмини рушди иқтисодии минтақа (дар мисоли вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

1. Таҳқиқоти диссертатсионии Солиев Ҳомидҷон Абдуманнонович дар мавзуи «Нақши саноатикунонии босуръат дар таъмини рушди иқтисодии минтақа (дар мисоли вилояти Суғд)» муҳим ва мубрам мебошад. Он таҳқиқоти илмӣ-тахассусии баитмомрасида дониста шуда, меҳнати мустақилонаи унвонҷӯ ба шумор меравад, ки ҳалли муаммоҳои афзалиятнокии илмӣ-назариявӣ, ташкилӣ-методии равандҳои асосии ташаккули саноатикунонии босуръат дар низоми рушди иқтисодии минтақаро дар бар гирифтааст. Таҳқиқоти илмӣ ҷанбаҳои назариявӣ ва мундариҷаи иқтисодии стратегияи саноатикунонии босуръат, равияи методии баҳодиҳии вазъи саноати минтақа, ҳолат ва тамоюлоти он дар иқтисодиёти минтақа, татбиқи консепсияи саноатикунонӣ дар шаҳру ноҳияҳо ба навсозии саноат бо истифода аз технологияҳои нави инноватсионӣ, афзоиши истеҳсоли моддиро таъмин намуда, ки боиси устуворӣ дар сиёсати иқтисодӣ ва дастовардҳои назаррас дар тамоми соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мегардад, дар бар мегирад.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад,

Мавзуи диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи саноати иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба шумор меравад, ки матни он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, ки вобаста аз он ба шӯрои диссертатсионӣ тибқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти №10/дс ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд.

**Дарачаи навгонии натичахои дар диссертатсия бадастомада ва нуктахои илмие, ки барои химоя пешниход мешаванд.**

Нуктахои асосие, ки мазмун ва мундаричаи навгонии илмиро ташкил медиханд, аз инхо иборат мебошанд:

- низомбандӣ намудани чанбахои илмӣ – назариявии ташаккули иктисодиёти индустриалӣ, ки дар асоси он исбот гардидааст, ки бахри самаранок татбики хадафи саноатикунонии босуръат дар минтакахо дар сиёсати саноатӣ амалишавии чузъхои таркибӣ, аз чумла: тағйиротхои сохторӣ, мухити мусоиди сармоягузорӣ, тадбирхои инноватсионӣ шартхои мухим дар рохи расидан ба натичахои интизорӣ мебошад: Асоснок гардидааст, ки тахияи сахех ва самаранок чоришавии сиёсати сохторӣ тахкурсии асосӣ бахри расидан ба рушди устувори хар як минтакахои алохидаи чумхурӣ мусоидат менамояд;

- асоснок гардидааст, ки дар самти саноатикунонии иктисодиёти минтакахо кишвархои хоричӣ тачрибаи ғанӣ доранд, ки истифодаи он дар минтакахои чумхурӣ имконпазир мебошад. Ба монанди чойгиршавии мачмааи корхонахои саноатӣ дар шахру нохияхои акибмонда бо максади рафъи зиддиятхои минтакавӣ (тачрибаи ИМА, Иттиходи Аврупо, Чопон), ичозат ба воридоти молхои саноатие, ки дар иктисодиёти миллӣ истехсолот намешавад (Бразилия), дастгирии раванди саноатикунонӣ бо субсидия, тарифхои махсус, протексионизм тибки накшахои панчсола ва хифз аз ракобати бо монеахои гуногун (Чин), дастгирии саноати сохаи баландтехнологӣ, карзхои дарозмуддат (Казокистон), пешбурди содироти махсулоти саноатӣ, афзалияти сармоягузории давлатӣ ба саноати кӯхӣ, металлургӣ, мошинсозӣ, ташаккули кластерхои азими саноатӣ (Ӯзбекистон);

- исбот карда шудааст, ки истифодабарии иктидорхои истехсолии корхонахои саноатӣ дар вилояти Суғд дар давраи охир тамоюли афзоиш дорад вале, сатхи воридшавии он ба чараёни такрористехсолот аз имконияти мавчуда хеле кам аст, ки ғайриканоатбахш мебошад. Исбот карда шудааст, ки минтака дар самти рушди сохаи саноати кухӣ, сохтмон, кимё, сабук, дорусозӣ, мошинсозӣ имкониятхои зиёд бо истифодаи технологияхои инноватсионӣ дорад;

- арзёбӣ карда шудааст, ки хадафи саноатикунонӣ дар шахру нохияхои вилояти Суғд бо суръати гуногун амалӣ шуда истодааст, ки дар он мавкеи пешсафро шахрхои Бӯстон, Гулистон, Хучанду Панчакент доранд. Мавкеи акибмонӣ дар нохияхои Деваштич, Шахристон ва Кухистони Мастчох мушохида карда мешавад. Сабабхои кафомонӣ: нокифоягии захирахои молиявӣ, таваччухи суст ба сармоягузорӣ, мавчуд

набудани фаъолияти маркетингӣ бахри чалби сармоягузорон ва ғайраҳо мебошад;

- исбот карда шудааст, ки раванди саноатикунонӣ дар минтака натичаи таъсири бисёр омилҳо мебошад, ки дар байни онҳо мавкеи асосиро зеринҳо ташкил медиҳанд: мавчудияти ашёи хом, ки ба такрористеҳсолот ворид нагаштааст; ташаккули инфрасохтори мусоидаткунандаи рушди саноат; дастрасӣ ба техника ва технологияи муосир; дастгирӣ ва таваҷҷӯҳи макомотҳои маҳаллӣ; афзалиятҳои тахассуснокии саноатии минтақа;

- коркард ва пешниҳод намудани низоми чорабиниҳо оид ба тачдиди раванди саноатикунонии минтақаҳо аз он чумла: дар вилоятҳо ташкили “Маркази минтакавии ташаббусҳои стратегӣ барои рушди устувори саноат” бо чалби мутахассисони соҳа ва олимони варзида; ривоч додани кластерҳои саноатӣ тибки ихтисосмандӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят; дастгирии паҳншавии лизинги техникаву таҷҳизотҳои баланди саноатӣ; ташкили мониторинги фазои сармоягузорӣ барои бартараф намудани монеаҳо дар рушди соҳаи саноат.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Натиҷаҳои таҳқиқот бо санчишоти эътимоднокии маълумотҳо, кифоятии ҳаҷми маводҳои тадкикотӣ, коркардҳои омории натиҷаҳои тадкиқот, нашриётҳо тасдиқ карда мешавад.

Хулоса ва тавсияҳо бо таҳлилҳои илмии натичаҳои тадкикотҳои назариявию санчишӣ (эксперименталӣ) асос ёфтаанд.

Дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои тадкиқот аз чиҳати методологӣ ва мавкеи назарияи илмҳои иктисодӣ, бо маълумотҳои репрезентативию эксприменталии тасдиккунандаи дурустии гипотезаи пешниҳодшуда ва коркарди натиҷаҳо таъмин карда шудааст.

**Саҳми шахсии довталаб дар натичаҳое, ки дар диссертатсия оварда шудааст.** Натиҷаҳои асосии тадкиқоти илмӣ дар конференсияҳои сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, семинарҳои илмӣ-назариявии кафедраҳои маркетинг-агробизнес, иқтисодиёти корхонаҳо ва минтакаи ДДҲБСТ (солҳои 2015-2022) ба тариқи маърузаҳои илмӣ баён шудаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Натиҷаҳои таҳқиқот дар рушди консепсияҳои илмӣ ва асосноксозии ҷанбаҳои методии арзёбии стратегияи саноатикунонии босуръат дар иқтисодиёти минтақа дида мешавад. Мукаррароти илмие, ки дар ҷараёни иҷроиши диссертатсия коркард шудаанд, метавонанд дар таҳия ва амалӣ

намудани барномаҳо, стратегияҳо, консепсияҳо баҳри баланд бардоштани саноати иқтисодиёти минтақа истифода карда шаванд.

Хулосаҳои илмӣ ва таҳияи тавсияҳо барои мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар сатҳи минтақаҳо метавонанд баҳри таъмини афзалиятҳои саноатикунонии босуръат дар иқтисодиёти минтақаҳо истифода бурда шавад.

Натиҷаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби Раёсати минтақавии рушди иқтисод ва савдои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд дар таҳияи стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ истифода бурда мешаванд (маълумотнома дар бораи татбиқ тахти №2389-7/7 аз 22.10.2021).

Қисматҳои алоҳидаи кори диссертатсионӣ барои такмил додани барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ аз фанҳои "Иқтисоди минтақавӣ", "Иқтисоди корхонаҳо", “Ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда”, “Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ” ва инчунин дар раванди таълими онҳо истифода гардидааст (маълумотномаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон оид ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ таҳти №1535 аз 11.12.2021).

3. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо ҳаҷми 2.1 ч.ч.) ба табъ расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 на 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

4. Дар диссертатсияи Солиев Ҳ.А. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровардa шуданд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

5. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Солиев Ҳ.А. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи унвонҷӯ чоп нагардида, мавҷуд нест.

Мутобиқи банди 61-и Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ, ҳамчунин бандҳои 67, 69 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Солиев Ҳомидҷон Абдуманнонович дар мавзуи «Нақши саноатикунонии босуръат дар таъмини рушди иқтисодии минтақа (дар мисоли вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ барои ҳимоя қабул карда шавад;

- бо пешниҳоди комиссияи ташхиси шӯрои диссертатсионӣ муқарризони расмии диссертатсияи мазкур шахсони зерин тайин карда шаванд:

- Алиҷонов Ҷ.А., д.и.и., дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров;

- Муртазоев О.Қ., н.и.и., дотсенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

2. Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон таъйин карда шавад.

3. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи муассиса ва Комиссияи олии аттестатсонии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

4. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи ташхис,
д.и.и., профессор — Раҳимов А.М.

Аъзоёни комиссия ташхис:

д.и.и., дотсент — Дадоматов Д.Н.

н.и.и., дотсент — Самадова З.А.

Имзоҳои Раҳимов А.М., Дадоматов Д.Н. ва Самадова З.А.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон — Мирпоччоев И.Ҳ.

«23» 01 2023